**ФАРМОНИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон"**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти кишвар бо кадрҳои илмӣ фармон медиҳам:

1. Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" таъсис дода шавад.
2. Шумораи кормандони Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" 25 нафар (бе ҳайати хизматрасон) муқаррар карда шавад.
3. Маблағгузории музди меҳнати кормандони Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" тибқи тартиби муқарраргардида аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ анҷом дода шавад.
4. Миқдори автомашинаҳои хизматӣ барои Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" 1 адад муқаррар карда шавад.
5. Маблағгузории Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 1 январи соли 2015 дар доираи маблағҳои барои соҳаҳои маориф ва илм пешбининамудаи буҷети ҷумҳуриявӣ таъмин карда шавад.
6. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо бинои маъмурӣ чораҳо андешад.
7. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати шаш моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро ба Фармони мазкур мутобиқ карда, Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон                    Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе,
12 августи соли 2014,
№ 255